**ПРОТОКОЛИ №107**
**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019**

**20 июни соли 2026** **ш. Душанбе**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро, 13 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд) тасдиқ гардида, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравand.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар мавзуи «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 5.5.1 Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5.5.2 Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ Шарофзода Р.Ш., ва аъзоёни комиссия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзои шуро Миралиzoда И.Қ., ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саиданварзода Қ.Ҷ. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар мавзуи «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар мавзуи «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 5.5.1 Назария ва

таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5.5.2 Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар мавзуи «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 5.5.1 Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5.5.2 Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Раҷабзода Равшан Муҳитдин – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Мирзозода Шаҳриёр Мунавар – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири бахши умумии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии «Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор 13 нафар, муқобил-нест, бетараф-нест. Қарор якдилона ҷонибдорӣ гардид.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**